№2715/4.1-д аз 05.03.2018

Ба сардорони раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, МТИ, МКМ, мақомоти ҳудудии андоз ва корхонаҳои системаи Кумитаи андоз

# ДАСТУР ОИД БА РИОЯИ ИНТИЗОМИ МЕҲНАТӢ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иловатан ба мактуби дастурӣ аз 31.03.2016, №3175/4.1 хотиррасон менамояд, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти корманди мақомоти андоз риояи интизоми меҳнатӣ, талаботҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз ва Тартиби пӯшидани либоси махсуси корманди мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.

Дар ин самтҳо аз тарафи кормандони масъули Кумита чандин маротиба санҷишҳо гузаронида шуда, нисбати кормандони алоҳида муҷозоти интизомӣ татбиқ карда шудааст ва диққати сардорони раёсату шуъбаҳо ва сохторҳои тобеи Кумитаи андоз борҳо ба назорати зарурӣ аз болои фаъолияти зердастон ҷалб карда шудааст.

Мутаассифона, бархе аз кормандони мақомоти андоз талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбаршуда ва дастуру супоришҳои чандинкаратаи роҳбарияти Кумитаро сарфи назар карда, пайваста ба вайрон намудани интизоми меҳнатӣ, ба ҷойи кор аз вақти муқарраршуда дер омадану пеш аз мӯҳлат аз ҷойи кор баромадан, дар вақти корӣ бесабаб 1 - 2 соат дар ҷойи кор набудан, риоя накардани тартиби пӯшидани либоси махсус ва ҳатто баъзан дар ҳолати ғайрисанитарӣ нигоҳ доштани утоқҳои кории худ роҳ медиҳанд, ки ҳамаи ин боиси нигаронии роҳбарияти Кумита гардидааст.

Аз ин хотир, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани назорати доимӣ дар ин самтҳо **муқаррар карда шавад**, ки:

- барои ҳамаи кормандоне, ки дар бинои маъмурии Дастгоҳи марказии Кумита фаъолият менамоянд (ба истиснои Раиси Кумита ва муовинони ӯ), ҳангоми ба ҷойи кор омадан ва аз ҷойи кор рафтан истифодаи таҷҳизоти техникии бақайдгирӣ (турникет) ҳатмӣ мебошад. Муқаррар карда шавад, ки бе қайди турникет ба корхона даромадан, маънои ба кор ҳозир нашудани кормандро дорад;

- сардорони раёсатҳо ва шуъбаҳои мустақили Дастгоҳи марказӣ, Маркази такмили ихтисос, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ва Маркази «ЛИМА» ҳангоми тартиб додани табели баҳисобгирии вақти корӣ маълумотҳои турникетро (вақти ба ҷойи кор ҳозир шудан ва аз ҷойи кор рафтан) ба инобат гиранд;

- сардорони мақомоти ҳудудии андоз, аз ҷумла НАК, НАМ, раёсатҳои андоз дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо китоби махсуси бақайдгирии омаду рафти кормандонро ташкил намуда, шахси масъули пешбурди онро муайян намоянд ва вақти ба ҷойи кор омадан, аз ҷойи кор рафтан, инчунин ҳангоми вақти корӣ ба ин ё он объекти дахлдор рафтани кормандонро ҳатман ба қайд гиранд (минбаъд пешбурди китобҳо пайваста мавриди санҷиш карор мегиранд);

- ҳамаи хизматчиёни давлатии мақомоти андоз бо риояи ҳатмии талаботҳои фармоиши Раиси Кумита аз 31.05.2011, №159 «Дар бораи тартиби пӯшидани сару либоси махсус», ҳамарӯза ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ, аз ҷумла гузаронидани санҷишҳои амалиётии андоз, рейдҳои муштарак бо дигар мақомотҳо, иштирок дар ҷаласаю чорабиниҳо ва дигар ҳолатҳои адои вазифаҳои хизматӣ, инчунин кормандони мақомоти ҳудудӣ ҳангоми ҳозиршавӣ ба Кумита, алалхусус ҳозиршавӣ бо даъват ба назди роҳбарияти Кумита ҳатман либоси махсуси корманди мақомоти андозро ба бар намуда, шаҳодатномаи хизматиашонро ҳамроҳ дошта бошанд;

- ҳамаи кормандони мақомоти андоз барои баланд бардоштани савияи донишҳои касбию сиёсии худ пайваста кушиш ба харҷ дода, муқаррароти Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андозро, ки бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 22.06.2017, №270 қабул гардидааст, пурра омӯхта, матни онро азхуд намоянд ва дар фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматии худ қатъиян риоя намоянд. Ба инобат гирифта шавад, ки минбаъд дар озмуну аттестатсияҳо ва курсҳои такмили ихтисос муқаррароти кодексҳои мазкур аз ҳар як корманд пурсида мешавад (Матни кодексҳо қаблан бо мактуби Кумитаи андоз аз 22.08.2017, №11166/4.1 барои шиносоӣ ирсол гардида буд ва ҳоло дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда шудааст).

- ҳамаи кормандони мақомоти андоз утоқҳои кории худ, мизу курсӣ, компютерҳо ва дигар таҷҳизоти вобасташударо тозаву озода ва дар ҳолати хуби санитарӣ нигоҳ дошта, ҳуҷҷатҳо ва парвандаҳоро дар рафҳои алоҳида бо тартиби муайян ҷобаҷо гузоранд. Дар утоқҳои корӣ овехтани ҳар гуна расмҳо, оростани зиёфат ва хӯрдани хурок (ба истиснои чой ва обҳои нушокӣ) манъ мебошад;

- ба ҷаласаю чорабиниҳои расмӣ ва утоқҳои кории роҳбарияти Кумита бо телефонҳои мобилӣ ворид шудан ва дар роҳраву утоқҳои корӣ бо телефонҳои мобилӣ муҳлати тулонӣ ва ё бо овози баланд муошират намудан манъ аст;

- ба инобат гирифта шавад, ки ҳангоми мунтазам ё дағалона вайрон намудани интизоми меҳнатӣ, яъне бе сабабҳои узрнок мунтазам ба кор дер омадан, дар ҷойи кор набудан (аз ҷумла, зиёда аз 3 соати рӯзи корӣ), риоя накардани дигар талаботи Дастури мазкур, нисбати корманд тибқи

муқарраroти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муҷозоти қатъии интизомӣ андешида мешавад.

Сардорони раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва корхонаҳои системаи мақомоти андоз ҳар як кормандро тибқи руйхат бо тасдиқи имзо бо Дастури мазкур шинос намуда, нусхаи аслии руйхати шиносоиро ба Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон, сардорони мақомоти ҳудудии андоз ва корхонаҳои системаи Кумитаи андоз вазифадор карда мешаванд, ки минбаъд оид ба иҷрои супориши мазкур **ҳар моҳ, то санаи 5 моҳи** навбатӣ тибқи ҷадвали замимагардида ба Кумитаи андоз ҳисобот пешниҳод намоянд.

Раис Н. Давлатзода